# АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Ҳоҷибоева Муқаддас Абдуғаниевна дар мавзӯи «Хусусиятҳои амалкарди бозори истеъмолии ҳудудӣ дар шароити инкишофёбии муҳити институтсионалӣ» (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

**Калидвожаҳо:** бозори ҳудудӣ, бозори молҳои истеъмолӣ, нақши давлат, таҳлили кластерӣ, дараҷабандии субъектҳои минтақавӣ, нобаробарии инкишоф, дастгоҳи танзими бозори истеъмолӣ, муҳити институтсионалӣ, самараи институтҳои бозор, тамоюлҳои инкишоф, талаботи физиологӣ, фаровонӣ, сохтори тараққикарда, вобастагии воридотӣ, минтақа, захираҳои молӣ, ҷобаҷокунии ҳудудӣ, гунҷоиши бозор.

Диссертасияи номзадии Ҳоҷибоева Муқаддас Абдуғаниевна ба яке аз масъалаҳои муҳимми тараққиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф асосҳои консептуалии ташаккули бозори истеъмолии ҳудудӣ, омилҳои ба ташаккул ва рушди он таъсиррасонандаро мавриди тадқиқ қарор додааст. Масъалаҳои тақсимоти меҳнат ва махсусгардонии истеҳсолот чун асоси ташаккул ва рушди бозорҳои истеъмолӣ омӯхта шудаанд.

Тавсифи мухтасари муҳити институтсионалии амалкарди бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ мавриди тадқиқ қарор гирифта, таҳлили пешниҳодоти захираҳои молу хизматрасониҳо ва арзёбии маҷмӯи ҳолат ва тараққиёти бозорҳои истеъмолии ҳудудии минтақа гузаронида шудааст, тамоюли рушди талабот дар бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ муайян гардидааст. Муносибати консептуалӣ ба рушди бозори истеъмолӣ дар минтақа тасвия шудааст, механизмҳои такмил ва ояндабинии гунҷоиши бозори истеъмолии ҳудудии минтақа пешниҳод гардидаанд. Дар асоси ҷамъбасти назарияҳо ва методологияҳои ташаккули бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ оид ба ташхис ва арзёбии таъсири муҳити институтсионалӣ ба самарабахшии амалкард ва танзими фаъолияти агентҳои бозорӣ ва иқтисодиёти минтақавӣ хулосаҳои илмӣ баён карда шудаанд.

Дар асоси муқаррароти мазкур метавон гуфт, ки рисола дорои унсурҳои навгонии илмӣ буда, тадқиқи ба итмомрасида дар мавзӯи муҳим ба шумор меравад.